**Тақризи**

**роҳбари илмӣ оид ба диссертатсияи Каримов Бахромҷон Исматуллоевич дар мавзуи "Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии хокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PhD); доктор аз рӯйи ихтисос 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти рисолаи илмии Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич аз он бармеояд, ки рушди бемайлони муносибатҳои бозорӣ тақозо менамояд, ки низоми идоракунии молияи мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ ба равандҳои муосир мутобиқ гардонида шавад. Идоракунии самаранок ва шаффофи молияи давлатӣ шарти муҳимтарини баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, рушди устувори иктисодӣ, таҷдиди иктисодиёт ва соҳаҳои иҷтимоӣ, ноил шудан ба дигар ҳадафҳои стратегии рушди иҷтимоию иктисодии мамлакат мебошад.

Каримов Бахромҷон Исматуллоевич соли 2016 Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) аз рӯи ихтисоси молия хатм намудааст. Аз солҳои 2016 то 2018 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар зинаи магистратураро бо ихтисоси молия хатм кардааст. Аз соли 2018 то соли 2021 ба ҳайси доктори фалсафа (PhD); доктор аз рӯйи ихтисос 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт . Диссертатсия дар кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Солҳои 2016- 2021 дар вазифаҳои гуногуни соҳаи маориф фаъолият намуда аз соли 2021 то инҷониб ассистенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Дар вакти анҷоми таҳқиқотҳои илмӣ дар самти мавзӯи худ ва ҷараёни таълим ба донишҷӯён ӯ ҳамчун таҳқиқгари поквиҷдону ҷиддӣ ва

дорои малакаи баланди илмӣ худро муаррифӣ намуда, дар ҷараёни иҷрои корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳияи васоитҳои таълимӣ масъулияти баланд зоҳир намуд. Инчунин уҳдадориҳои бадӯшдоштаашро дар сатҳи таҳқиқоти илмӣ ҳамчун таҳқиқгар саривақт иҷро менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва анҷоми корҳои ба ин самт вобастабуда Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич ҷиҳати фарогирии васеъи илмӣ дар самти худ зиёда аз 20 мақолаҳои илмӣ, 2 дастури методӣ нашр ва ҷиҳати татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худ дар семинару конференсияҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза намудааст, ки аз ҷониби мутахассисони соҳа бо натиҷаҳои баланди илмӣ ва навгониҳо арзёбӣ карда шудааст.

Вобаста ба натиҷаҳои бадастомада ва аз таҳлилҳои диссертатсия бар меояд, ки таҳқиқоти анҷомшуда дар самти такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти баланди илмию амалӣ дошта, мубрамияти таҳқиқоти илмиро тасдиқ менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рисолаи илмӣ сохтори мантиқии хуб дорад, инчунин мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шуда, бо забони илмии фаҳмо омода гардидааст ва пешниҳоду таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд.

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрами мавзуъ, сатҳи омӯзиши мушкилоти такмили механизми идоракуни молияи мақомоти маҳалли, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян ва ҷанбаҳои асосии навгонии илмӣ, масъалаҳои таҳқиқот ва нуқтаҳои ҳимояшаванда дар сатҳи назариявию амалӣ асоснок карда шудаанд.

**Дар боби аввал** асосҳои назариявӣ ва методологии механизмҳои идоракунии молияи давлатӣ, тавсифи моҳияти идоракунии молияи

мақомоти маҳаллии давлатӣ, инчунин омӯзиши таҷрибаи хориҷии дар низоми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Дар боби дуюми** дисертатсия бошад, таҳлили ҳолати муосири фаъолити механизмҳои идоракунии буҷети маҳалли вилояти Хатлон, ҳолати муосири рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон, арзёби вазъи механизмҳои идоракунии ташакулёбии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон, таҳлили амали механизмҳои идоракунии хароҷоти буҷети маҳаллӣ мавриди таҳлил қарор гирифт.

**Дар боби сеюми** дисертатсия масъалаҳои актуалии такмили муносибатҳои методии доир ба арзёбии самаранокии механизмҳои идоракунии буҷетҳои маҳаллӣ, роҳҳои асосии мукамалгардонии механизмҳои идоракунии молияро дар шароити баланд гардидани талабот ба рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳлил қарор гирифт.

**Дар қисмати хулоса** натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шудааст.

Рисолаи номзадии Каримов Бахромҷон Исматуллоевич дар мавзуи "Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)", ки ба муҳокима барои дарёфти дараҷаҳои илмии доктори фалсафа (PhD); доктор аз рӯйи ихтисос 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст, кори ба анҷомрасида маҳсуб ёфта, барои ҳимояи пешакӣ дар назди кафедра тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**ректори Донишгоҳи давлатии Данғара** Хайрзода Ш.Қ.

**Имзои Хайрзода Ш.Қ. - ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДД Тоирзода С.
**Ҷ.М.**
16.02.2021
(сана)